Ба Шӯрои диссертатсионии
6D.КОА-002 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Абдуллозода Фарҳод Нусратулло дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ-ҳуқуқӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 - назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат**

Рисолаи Абдуллозода Ф.Н. ба яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами илми ҳуқуқшиносӣ, хусусан илми таърихи давлат ва ҳуқуқ «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ-ҳуқуқӣ)» бахшида шудааст, ки таҳқиқи он ба фаҳмиши дурусти заминаҳои ташаккул ва инкишофи Суди Олӣ ҳамчун мақоми олии судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Россия, ҳамчунин рушду такмили он мусоидат менамояд.

Дар воқеъ, дар шароити муосир ташкил ва фаъолияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия заминаҳои конститутсионӣ дорад ва ҳамчун мақоми олии судии салоҳияти умумидошта ба шумор меравад. Махсусан, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Суди Олиро дар низоми судии кишвар муайян намуда (м. 84), дар меъёрҳои алоҳидаи худ дигар паҳлуҳои ташкилу фаъолияти онро (м. 56, 69, боби 8) онро мустаҳкам кардааст. Бо ҳамин мазмун, аз ҷониби муаллиф интихоб намудани ин мавзӯъ дар иртибот бо мавзӯҳои афзалиятноки корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми декабри соли 2014, №765 тасдиқ гардидааст, қарор дорад.

Бе ягон баҳс гуфтан мумкин аст, ки таҳлили заминаҳои инкишоф ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия ба низоми масъалаҳои

муҳимми таҳқиқотӣ шомил аст. Муаллиф чуноне дар автореферат қайд менамояд, дарки моҳияти ташкили мукаммал, таҳқиқи бунёдӣ ва муносибати таърихнигоронаро ба раванди ташаккул ва рушди низоми судҳо дар ҳуқуқи давлатҳои ҷудогона ва давлатҳои таърихи умумидоштаро дар мисоли Тоҷикистон ва Россия, тақозо менамояд. Барои иҷрои вазифаи гузошташуда мувофиқи мақсад аст, ки марҳилаҳои асосии таърихии рушди мақомоти олии низоми судии Тоҷикистон ва Россия мавриди таҳқиқот қарор дода шаванд.

Рисолаи мазкур аз нигоҳи таърихӣ-ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, асосан дар такя ба усули таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ таҳия шудааст.

Аз мазмуни автореферат бар меояд, ки тарзи масъалагузорӣ, яъне саволгузории таҳқиқоти диссертатсионӣ мувофиқи мақсад гузошта шудааст, ки моҳиятан аз мазмуни масъалаи баррасишаванда бар меояд. Дар ҳамбастагӣ бо ин, бояд гуфт, ки рисола бо забони давлатӣ таҳия гардидааст. Истилоҳҳо ва ифодаҳои ҳуқуқӣ бо мазмуни аслӣ ва муносиб истифода шуда, таҳлил масъалаи баррасишаванда бо сабки сирф ҳуқуқӣ аз ҷониби муаллиф анҷом дода шудааст.

Чуноне аз автореферати диссертатсия бар меояд, дар рафти таҳияи рисола адабиётҳои ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ ба таври васеъ истифода гардидааст, ки сифати илмии онро зиннат медиҳад. Махсусан, истифодаи адабиётҳои ватании марбут ба масъалаҳои баррасишаванда гувоҳи таҳқиқоти комил аз ҷониби муаллиф мебошад.

Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда кобили дастгирианд ва метавон чун навоварии илмӣ дар сатҳи илми ҳуқуқшиносии кишвар эътироф намуд. Дар баробари комил ва мусбӣ будани таҳқиқоти рисола, дар он метавон ба масъалаҳои баҳснок вохӯрд. Чунонки, зербоби дуюми боби дуюми рисола ба «Принсипҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия» бахшида шудааст, фикр менамоем, ки будани истилоҳи меъёрӣ-ҳуқуқӣ баъд аз принсипҳо зарурат надорад. Ба назари мо, номгузории ин

қисмати рисола дар шакли «Принсипҳои ташкил ва фаъолияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия» мувофиқ ба мазмуни масъалаи баррасишаванда мешуд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Фарҳод Нусратулло дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ-ҳуқуқӣ)» ба талаботи дахлдори таҳияи рисола илмӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 - назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат мувофиқ аст ва ӯ комилан сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад.

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
декани факултети сиёсат ва идораи
давлатии Донишгохи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Сафарбекзода Ҳ. С.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон
735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айни 67
Тел.: +992915400909
Е-майл: hukmiddih-1981@mail.ru

Имзои Сафарбекзода Ҳ. С.-ро тасдиқ менамоям

«_____» _____ 2020

Сардори ШК ДДБ ____________ Амиршоев А.